*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва самтҳои илмӣ.** Диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат, ки дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шуда аст, ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таълиф гардида, ба зербандҳои 9.1.Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ хамчун ҷабҳаҳои пайдоиши низоми қарзӣ; 9.3.Инкишофи инфрасохтори муносибатҳои муосири қарзӣ, шакл ва усулҳои қарздиҳӣ; 9.6.Қонунҳо ва тамоюлҳои рушди соҳаи қарзӣ; 9.7.Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушд, муносибатҳои мутақобилаи қарз ва гардиши пулӣ, молия, бозори молиявӣ, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ; 10.1.Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.4.Муаммоҳои таъмини сиёсати мутавозунии бонкӣ дар раванди сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар атрофи тамоми сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 11.5.Афзалиятҳои сиёсати пулию-қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ дар татбиқи он; 11.8.Танзими давлатии ташкилотҳои молиявию қарзӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмии диссертатсия.** Маблағгузории хурд дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ барои фаъолиятҳои гуногуни соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба ташаккули бисёр шаклҳои устувори хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ, коҳиши бекорӣ ва дар натиҷа ба афзоиши даромаднокию рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва кишвар таъсири мусбат мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки бозори маблағгузории хурд дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила ташаккул ва ёфт. Вазифаи душвор барои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон баланд бардоштани устувории молиявӣ ва худидоракунии фаъолияти самаранок дар бозори молиявӣ мебошад, ки бо фоизи баланди захираҳои ҷалбшуда алоқаманд аст.

Бо вуҷуди мушоҳида гаштани рушди маблағгузории хурд дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, ҳанӯз бозори он дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад, ки ин ҳам бо хусусиятҳои хоси тамоюлҳои муосири равандҳои модернизатсионӣ вобаста аст. Тамоюлҳои муосири равандҳои модернизатсионии бозори маблағгузории хурд марбут аст ба: фарқияти байни талабот ва таклифот дар бозори маблағгузории хурд; нақши назарраси барномаҳои байналмилалии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; таносуби баланди маблағҳои сармояи оинномавӣ дар таъмини маблағгузории тиҷоратӣ, дараҷаи пасти қарзҳои додашуда; мукаммал набудани барномаҳои молиявӣ дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон; хусусиятҳои хоси ҷойгиршавии ташкилотҳои маблағгузории хурд; набудани реҷаи имтиёзнок барои рушди ин намуди фаъолият ва ғайраҳо.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва амалии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими бозори он дар қаринаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ин худ гувоҳи муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дурустии натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо миқдори кофии маълумоти таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо истифода аз усулҳои муосир, мувофиқати назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқот бо маълумот ва далелҳои асоснок, ки аз маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки милии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, маводи таҳлилии оморӣ ва ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар нашрияҳои даврии илмӣ нашр шудаанд, сарчашмаҳои интернетӣ ва ғайра тасдиқ карда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар асосноккунии пешниҳоди илмии масъалаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудор шуда, аз самтҳои зерин иборат аст:

1. Муаллиф дар асоси омӯзишҳои амиқи илмии доктринаҳои олимони хориҷию ватанӣ ҷанбаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосирро муайян карда, мафҳуми маблағгузории хурдро ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои хоҷагидории хурду миёна, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ

ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад, маънидод намудааст;

2. Таҳқиқ гардидааст, ки ба сифати хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд: дастрасии озод ба қарзҳои хурд, пешниҳоди микроқарзҳо ба шаҳрвандони камбизоат, махсусан занҳо, модарони танҳо ва оилаҳои серфарзанд, ки барои бозгашту истифодаи мақсадноки микроқарзҳо масъул ҳастанд, қарзҳои хурд бидуни гарав дода мешаванд, ҳангоми истифодаи қарзҳои хурд системаи кафолати гурӯҳӣ истифода мешавад, яъне гурӯҳ барои пӯшонидани қарзи аъзоёнаш ҷавобгар мебошад, мусоидат ва рушди гурӯҳҳо заминаи дастрасии ояндаи онҳоро ба қарзҳои хурд таъмин мекунад, маблағгузории хурд ба шахсони алоҳида ва хонаводаҳои камбизоат равона карда шудааст, ҳамчунин, микрокорхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ низ аз хизматҳои маблағгузории хурд бояд бархурдор бошанд, маблағгузории хурд ин фаъолиятест, ки дар худ симбиози ҳадафҳои иҷтимоӣ ва самараи тиҷоратиро таҷассум менамояд;

3. Аз ҷониби муаллиф вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, амсилаи бисёрченакаи иқтисодӣ-оморӣ аз рӯи нишондиҳандаи маблағгузории хурд бо 5 омили ба он таъсиррасон таҳия карда шуда, дар алоқамандии хеле зич қарор доштани онҳо муайян карда шудааст;

4. Тавсияҳои илман асоснок кардашудаи такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла масоили беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва такмили маҳсулоту хизматрасониҳо, унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор ва идоракунии пардохти қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳимми устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод карда шудааст;

5. Дурнамои маблағгузориҳои хурд аз рӯи амсилаи регрессионӣ коркардшуда, бо усули SWOT-таҳлил вазъи тарафҳои мусбӣ ва манфии бозори маблағгузории хурд нишон дода шуда, роҳҳои танзими давлатии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш шудааст;

6. Таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ омӯхта шуда, зикр шудааст, ки дар мамолики барвақттар татбиқсозиро оғозкарда, маблағгузории хурд бисёр ташаккул ёфта, ба зиёдшавии даромади хонаводаҳо мусоидат карда, барои рушди сармояи зеҳнӣ-инсонӣ шароит фароҳам овардааст. Он барои ашхоси воқеӣ, аз ҷумла ба бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон додааст, ки барои оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд. Инчунин, дар ин замина амалисозии ҷузъиёти

муҳимми таҷрибаи давлатҳои дар самти маблағгузории хурд ташаккулёфта тавсия гардидааст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 193 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 17 ҷадвал, 10 расм ва 8 диаграмма мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмет муайян гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастоварда аз таҳқиқоти илмӣ дар бораи ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд мухтасар маълумот дода шудааст.

**Боби якум «Асосҳои назариявӣ – услубии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд»** -ро дар бар гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми ин боб «Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва равнақи маблағгузориҳои хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир» таҳқиқ шудааст. Диссертант қайд намудааст, ки «Маблағгузории хурд яке аз унсурҳои муҳим дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир баҳисоб меравад. Вале таърихи ташаккул ва самтҳои равнақи онро муҳаққиқони ин мавзуъ ба ибтидои қарни XVIII мансуб медонанд. Яке аз намунаҳои муваффақи аввали ташкилотҳои қарзӣ барои камбизоатон системаи Фондҳои Қарзии Ирландия (The Irish Loan Fund system) мебошад, ки бо ташаббуси нависанда ва фаъоли ҷамъиятӣ Ҷонатан Свифт дар ибтидои қарни XVIII таъсис ёфтааст, мебошад», (саҳ. 16).

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф пас аз омӯхтани доктринаҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ оид ба маблағгузории хурд, ба чунин хулоса омадааст, ки «Мафҳуми маблағгузории хурд ҳамчун шакли фаъолияти молиявиест, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои хоҷагидории хурду миёна аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад», (саҳ. 24-25).

Дар зербоби дуюми ин боб – **«Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд»** баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо такя ба назарияҳои илмӣ принсипҳои асосии маблағгузории хурдро ба тариқи мухтасар дар нуқтаҳои зерин ҷамъбаст кардааст:

1. Маблағгузории хурд механизми пурқуввати мубориза бар зидди камбизоатӣ.
2. Маблағгузории хурд бунёди низоми молиявии самаранокро барои аҳолии камбизоат дар назар дорад.
3. Маблағгузории хурд воситаи универсалӣ нест, ки ҳама проблемаҳоро дар ҳама ҳолату вазъият ҳал намояд.
4. Баландии фоизи қарз метавонад ба дастраси аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои молиявӣ монеъ гардад.

5. Дастгириҳои махсуси давлат аз фаъолияти институтҳои муайяншудаи маблағгузории хурд дар он аён мегардад, ки давлат зимни мусоидат намудан ба рушду равнақи онҳо зиёдтар фоида мебинад.

6. Дақиқӣ ва равшании ахборот оид ба фарогири аҳолии камбизоату қашшоқ аз ҷониби институтҳои маблағгузории хурд аҳаммияти муҳимро доро мебошад, (саҳ. 47-49).

Дар зербоби сеюми ин боб – **«Методикаҳои маблағгузориҳои хурд бо фарогирии аҳолии камбизоат»** мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз медорад, ки дар шароити кунунии тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳони муосир институтҳои маблағгузории хурд аз методикаи мухталиф истифода менамоянд. Дар намуди нақша (ҷадвали 1.3.1.) онҳоро тасвир ва арзёбӣ намудааст, ки аз инҳо иборатанд: шакли қарзҳои инфиродӣ барои шаҳрвандон; -намунаи модели Громин Бонки машҳури таърихӣ; - шаклҳои қарзҳои гурӯҳҳои махсуси муштараки масъулиятнок; -намунаи модели гурӯҳҳои кооперативӣ;-модели Бонкҳои кишоварзӣ; -намунаи модели гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ; -намунаи модели Бонкҳои давлатии маблағгузории хурд; -намунаи модели лоиҳаҳои қарзӣ; - намунаи модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ; - намунаи модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ, (саҳ. 52).

Боби дуюми диссертатсия-**«Таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми он - **«Таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он»** дида баромада шудааст. Ба андешаи диссертант «Масъалаи маблағгузории хурд ҳамчун унсури иқтисодӣ ва раванди дастрас шудани аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташаккул ва равнақ ёфта истодааст. Махсусан, барномаҳои мухталифи маблағгузории хурд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бо мусоидати ташкилотҳою созмонҳои байналхалқии марбут ба самти молиявию иқтисодӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии маблағгузории хурд, механизми низоми бонкӣ, ташкилотҳои ғайрибонкию ғайридавлатӣ дар амал татбиқ гардида истодаанд», (саҳ. 70).

Муаллиф дар дохили зербоби мазкур таркиби низоми маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли расми 5 тасвир карда, иштирокчиёни бозори маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст, (саҳ. 75). Дар диаграммаи 2.1.-динамикаи теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 83), дар диаграммаи 2.2. - ҳиссаи қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (саҳ. 84), дар диаграммаи 2.3.- динамикаи рушди шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 85), дар ҷадвали 2.1.1. -динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии

ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 86), ҷадвали 2.1.2.-Қарзҳои хурди додашуда аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 88), дар ҷадвали 2.1.3. Пешниҳоди қарзҳои хурд аз ҷониби иштирокчиёни фаъоли бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 15.04.2024 (саҳ. 89) арзёбӣ карда, дар ҷадвали 2.1.4 таҳлили қиёсии хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурдро гузаронидааст, (саҳ. 91).

Дар зербоби дуюми ин боб - **«Раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро муаллиф чунин арзёбӣ менамояд, ки «Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини рушди устувори макроиқтисодӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст. Асосан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар аксар кишварҳои ИДМ нишондиҳандаи асосӣ барои ҳисоб кардани сатҳи камбизоатӣ нишондиҳандаи маҷмуи истеъмоли моҳона ба сари аҳолӣ истифода карда мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо тибқи баҳодиҳии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола нишондиҳандаи камбизоатӣ коҳиш ёфта истодааст. Масалан, сатҳи камбизоатӣ аз 53,5 фоизи соли 2007 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолии кишвар тадриҷан бо назардошти нишондиҳандаҳои таъминоти хонаводагӣ беҳтар гашта истодааст, (диаграммаи 2.4), (саҳ. 96).

Махсусан муаллиф дар асоси таҳлилҳои илмии худ бамаврид қайд менамояд, ки «Дар давоми солҳои 2007-2023 ба андозаи 32646141,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ, шуғлнокӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва аз ин ҳисоб таъминоти нишондиҳандаҳои хонаводагӣ дар доираи маҷмуи шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои молиявӣ дода шудааст. Бинобар ин, рушди маблағгузорию фаъолкунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад». (саҳ. 97).

Зербоби сеюми ин боби диссертатсия ба **«Амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ қайд мекунад, ки «Аз нигоҳи илмӣ интихоби мо дар заминаи таҳқиқот бар он аст, ки чунин омилҳо метавонанд нишондиҳандаҳои молиявии X1 - Бақияи пасандозҳо дар ТҚМ, X2 - Дороиҳои ТҚМ, X3 -Ҳаҷми сандуқи қарзӣ, X4- Захираҳои бонкӣ, X5-Сармояи ТҚМ, X6-Даромади пулии аҳолӣ бошанд. Аз ин лиҳоз, фарзияи иқтисодӣ-омориро пешниҳод менамоем, ки маблағгузории хурд таҳти таъсири бевоситаи омилҳои дар боло зикршуда инкишоф меёбад. Барои тафтиши ин фарзия ва баҳодиҳии вазъи муосири таъсири нишондиҳандаҳои

молиявии зикршуда ба маблағгузории хурд татбиқи таҳлили коррелясионӣ-регрессионӣ ба мақсад мувофиқ аст. Бо ин мақсад аз маълумотҳои омории нишондиҳандаҳои молиявии маблағгузории хурд ва омилҳои ба он таъсиррасон муаллиф аз ҷадвали 2.3.1. (саҳ. 114) истифода карда, дар ҷадвали 2.3.2. матритсаи коэффисиентҳои коррелятсияро муайян кардааст, (саҳ. 116).

Боби сеюми диссертатсияи номзадӣ - «**Самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, ки аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - **«Мукаммалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф пешниҳод менамояд, ки «Беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва такмили маҳсулоту хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд; унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор; Идоракунии пардохт нашудани қарзҳо ва пешгирии зарарҳо (бохтҳо) - шарти муҳимми устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад» (саҳ. 127). Илова бар ин, дар расми 6 чораҳо оид ба беҳтаргардонии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил (саҳ. 130) ва дар ҷадвали 3.1.4.-раванди идоракунии қарзҳои таъхирафтодаро пешниҳод кардааст (саҳ. 21-22).

Зербоби дуюм дар ин боби диссертатсия - «**Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки «Мушкилоти асосии бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки нокифояи чунин ташкилотҳо дар қарздиҳӣ ба соҳибкории хурду миёна ва танзими номукаммалии фаъолияти онҳо мебошад, ки ба коҳиши хатари ин соҳаи молиявӣ монеъ мешавад» (саҳ.147).

Дар ин зербоб диссертант дурнамои рушди қарзҳои хурд аз рӯйи амсилаи регрессионӣ ва нақшаи таҳлили – SWOT-ро бо муайян кардани вазъи тарафҳои мусбӣ ва манфӣ, ки метавонанд ба ташаккул ва рушди бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанд, таҳия карда (саҳ.149), дар расми 9 танзими давлатии ташаккул ва равнақи фаъолияти бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кардааст (саҳ.157).

Дар зербоби сеюми ин боби диссертатсия масъалаи - «Таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд ва имконоти истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин бахш муаллиф дуруст қайд менамояд, ки «Маблағгузории хурд дар саросари ҷаҳон ҳамчун механизми муассири мубориза бо камбизоатӣ эътироф шудааст. Дар маҷмуъ, онро метавон ҳамчун як соҳаи молиявӣ муайян кард, ки барои расонидани хидматҳои асосии молиявӣ, махсусан, ба одамони камбизоат - онҳое, ки ба хидматрасонии молиявии муқаррарӣ дастрасӣ надоранд, номид» (саҳ.160). Бо назардошти таҳқиқот дар кори диссертатсионӣ дарҷ шудааст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ба воситаи хидматрасониҳои

молиявӣ дар самти паст кардани сатҳи қамбизоатӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар ин ҷода, махсусан, хизмату фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шоёни дастгирӣ мебошад. Дар давлатҳои гуногуни дунё, аз қабили Бангладеш, Ҳиндустон, Индонезия, Боливия, Камерун, Ҳабашистон, Гамбия, Гана, Мадагаскар, Марокаш, Непал, Перу, Филиппин, Уганда, Замбия ва ғ. ҳазорҳо ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд машғули хизматрасониҳои маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоату қашшоқ мебошанд. Дар давлатҳои Белоруссия, Украина, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон раванди маблағгузории хурд дар марҳилаи гуногуни ташаккулу тараққӣ қарор дорад (саҳ. 160).

Дар ҷамъбасти зербоби боби сеюм диссертант махсусиятҳои маблағгузориҳои хурд дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешқадамро нишон дода, афзалиятҳои онҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст. Инчунин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфтаро, ки маблағгузории хурд дар мамлакатҳои рушдёфта бо иҷрои доираи васеи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ: аз дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ то ҳавасмандсозии ташаббусҳои соҳибкорӣ, аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳам аз ҷониби муассисаҳои махсуси давлатӣ ба роҳ монда мешавад, мувофиқ донистааст (саҳ.170).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд. Пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯйи мазмун ва моҳияти диссертатсияи номзадӣ дар маҷмуъ инъикос ёфтанд. Ҳамзамон, муаллиф дар робита ба диссертатсияи номзадӣ авторефер態ро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии раванди ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд татбиқи амалии худро дар низоми идоракунии соҳа ва ҳамчунин, дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад. Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллиф дар мавзуи таҳқиқшуда, маҷаллаҳои илмӣ, инчунин, маълумоти ташкилотҳои маблағгузории хурд, натиҷаҳои пурсишҳои роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва коршиносони соҳавӣ ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

Муқаррароти алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ истифода шудаанд. Ҳамчунин, маводи хусусияти методологӣ ва амалии доштаи кори илмӣ дар ҷараёни таълими факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионию гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Назарияи молия», «Молия ва қарз» ва «Пул, қарз, бонк» мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки санадҳои татбиқи онҳо мавҷуданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии** пешниҳодшударо метавон, дар самти ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми «маблағгузории хурд» ва «Низоми маблағгузории хурд» таҳқиқ шудаанд. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин мукаммалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, танзими давлатӣ ва имконоти истифодаи таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зиҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ, бо мақсади боз ҳам такмил додани механизми амалии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти равнақи маблағгузориҳои хурд истифода бурдан мумкин аст. Қайд кардан ба ба маврид аст, ки ғояҳои илмии пешниҳодшуда дар диссертатсияи оид ба маблағгузории хурд имконият медиҳад одамони қобили соҳибкории камтаҷриба дар фаъолияти амалии корхонаҳои мушаххаси худ татбиқ созанд ва ҷомеаи шаҳрвандони масъулиятшиносеро ташаккул диҳанд, ки онҳо пояи мустаҳками ҳар як ҷамъияти муваффақи демократӣ баҳисоб меравaнд.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд ба модернизатсияи фаъолияти маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он мусоидат намоянд, ки низоми мазкур, рушд ва фаъолият устувор дошта бошад. Фаъолияти устувори низоми маблағгузории хурд, амнияти иқтисодии бозори молиявиро таъмин намуда, иқтидорӣ ташкилотҳои қарзии молиявиро афзоиш дода, самаранокии иқтисодиёти миллиро боло мебарад. Ҳамчунин, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба афзоишёбии ҳаҷми ҳисобҳои ғайринақди мусоидат намуда, абзорҳои онҳоро такмил дода, рушди инфорасохтори молиявии кишварро таъмин намуда, сатҳи пулҳои нақдиро танзим карда, таваррумро идора мекунад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқароротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии низоми маблағгузории хурд мусоидат мекунад. Яъне, нақши маблағгузории хурд дар ҳавасмандии худмашғулиятии аҳолии камбизоат, ташаккул ва равнақи микробизнес аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагӣ дар деҳот ва ҳамчунон дастрасии аҳолии дорои имкониятҳои маҳдуд ба қарзҳои истеъмолӣ бориз аст. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии камбизоат тавассути қарзҳои хурди истеъмолӣ таъмин карда шавад. Ғояҳои илмии пешниҳод гардида оид ба сафарбаркунии пасандозҳои аҳолии камбизоат фаъолияти соҳаи хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурдро васеъ ва фоидаовар мегардонад

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи илмиаш муаллифи 15 мақолаи илмӣ аз он ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда тавсия шудааст, бо нишондоди 4,6 ҷ.ч. (3,62 ҷ.ч. аз муаллиф) нашр гардидаанд. Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои илмии назариявӣ ва амалии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, тариқи мақолаву маърузаҳо нашру муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводҳои нашргашта инъикос ёфтаанд. Нашр ва мазмуни маводҳои илмии Вазирзода Дилором Раҷамат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти номзадӣ мустақил, бо сифат дар доираи фаъолияти касбӣ, сатҳи баланди илмӣ, анҷом додани таҳлилҳои мустақил сурат гирифтааст, ки сифати баланд ва касбӣ будани таҳқиқотро бозгӯ аст.

Масъалаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаи диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба талаботи бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботи низомномаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсияи номзадӣ.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи номзадии Вазирзода Дилором Раҷамат баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаби зерин ҷой доранд:

1) Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ муаллиф нишон додааст, ки олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар самти мавзӯи таҳқиқшаванда корҳои илмӣ бурдаанд, аммо аз он олимони ватание, ки дар ин самт корҳои таҳқиқотӣ бурдаанд фикру мулоҳизаҳояшон ба таври кофӣ нишон дода нашуда аст;

2) Муаллиф дар диссертатсияи номзадӣ натиҷаҳои зиёди илмиро бадаст овардааст, вале мутаассифона на ҳамаи он натиҷаҳо дар навгониҳои илмӣ ҷой дода шудаанд (саҳ. 10-12);

3) Диссертант дар зербобӣ 2.1. оиди таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он таҳлилҳо гузаронида тариқи ҷадвал инъикос кардааст, аммо сабабҳои афзоиш ва ё камшавии маҳсулоти ғизоӣ аз тарафи диссертант муайян нагардидааст. Ҳамзамон, аз рӯйи натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда дар зербоб хулосабарорӣ карда нашудаст

4) Муаллиф дар зербоби 2.2. (саҳ. 98) динамикаи қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд барои соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро мавриди таҳлил қарор дода шуда аст, аммо меъёри фоизи қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд то куҷо талаботи аҳолии камбизоатро қонеъ мекунад, норавшан боқи монда аст;

5) Дар зербоби 3.3-и боби сеюми диссертатсия хусусиятҳои татбиқшавандаи афзалиятноки таҷрибаи рушди маблағгузории хурди кишварҳое хориҷӣ ба мисли ИМА, Олмони Федеративӣ, Британияи Кабир, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон омӯхта шуда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, вале кишварҳои ба мисли Ҷумҳурии Чин, Дания, Шветсия, Канада, Австрия, Ҳолланд ва Финландия, ки дар рушди маблағгузории хурд саҳми назаррас доранд, омӯхта ва тавсия мегардид, беҳтар мешуд (саҳ. 160-72);

6) Дар диссертатсия 150 номгӯи адабиёт оварда шудааст, вале мутаассифона, на ҳамаи онҳо дар дохили матни диссертатсия пурра истифода шудаанд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани диссертатсияи номзадии Вазирзода Дилором Раҷамат таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Бояд тазаккур дод, ки аз лиҳози мубрамият, номи мавзуъ, мундариҷаи диссертатсия, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидаанд. Дар он асосҳои назариявӣ – услубии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд таҳқиқ шуда, вазъи рушди маблағгузории хурд ва сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардида, самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат, ки дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Вазирзода Дилором Раҷамат сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқарризи расмӣ:

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
директори Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шариф Раҳимзода

Имзои профессор Шариф Раҳимзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Э. Қурбонов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Душанбе, кӯчаи Айни 44.
Сомонаи расмӣ: http://www.ied.tj/ E-mail: info@ied.tj
Тел: +992 (37)221-67-50; +992 (37)221-57-65

21.06.2024